# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10-Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ аз қоидаҳои идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ва шоистасолори вобастагӣ дорад.

Идоракунии рушди босубот, аз ҷумла барои Тоҷикистон метавонад модели самаранокии рушдёбандагии стратегӣ бошад. Вазифаи дигари асосии дурнамои рушд ба миён овардани шароит барои гузаштан ба иқтисодиёти мутараққӣ, дар асоси стратегияи рушди идоракунии босуботи иқтисодӣ-индустриалӣ-инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Самаранок истифода намудани қоидаҳои идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ ва такмили механизмҳои он дар низоми иқтисоди бозорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус ҷалби сармояи хусусӣ ба иқтисодиёт, баланд бардоштани сифати мол ва хизматрасониҳои ба истифодабарандагон пешниҳодшавандаро таъмин месозад, ба рушди рақобатпазирии маҳсулот ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд. Ҳамаи ин, дар ниҳоят ба раванди ташаккули иқтисоди саноатию инноватсионӣ аз ҳисоби рушди босуботи иқтисодӣ таъсири мусбату бесобиқа мерасонад.

Муаллиф қайд менамояд, ки идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ ин ба миён овардани муҳити арзандаи соҳибкорӣ, механизмҳои ҷалби сармояи хориҷӣ, азхудкунии захираҳои табиӣ, ташкили корхонаҳои бепартов, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист, зиёд истихроҷ намудани маъдан ва бо саноат ҷалб намудани онҳо ва дигар масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар оянда ба рушди босуботи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Дар диссертатсия оид ба такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон оид ба рушд ва инкишофёбии инноватсионӣ ва самаранокии иқтисодиёти ҷумҳурӣ равишҳои консептуалӣ-назариявии навин пешниҳод карда шудааст.

Диссертатсияи унвонҷӯй Абдулов Дилшод Назарович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон», пешниҳод шудааст ва он аз муқаддима се боб, нуҳ зербоб, хулоса,пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баёни диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи “Такмили механизми идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон Тоҷикистон”,бешубҳа кори мустақими илмиву тахасусӣ буда, дар боби аввал муаллиф оиди асосҳои консептуалӣ-назариявии ташаккулёбии идоракунии рушди босуботи захираҳои табиӣ таҳқиқот бурда, равишҳои мусбии назариявии илмию

таҳқиқотии ҷаҳониро махсус оварда, фикру ақидаҳои олимону донишмандонро гурӯҳбандӣ ва таҳлилу барассӣ намудааст.

Дар боби дуввуми рисола муаллиф оид ба таҳияи механизмҳои танзим ва идоракунии рушди босуботи истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра таҳлилу хулосабарорӣ карда, оид ба ҳар як равиш пешниҳодҳои махсуси илмии худро муайян сохтааст.

Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф оид ба стратегияи такмили механизми идоракунии рушди босуботи иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ Тоҷикистон таҳқиқот бурда, нақша ва роҳҳои ояндабинии стратегии равишҳои онро пешниҳод намудааст, ки барои рушди босуботи соҳаҳои алоҳидаи Тоҷикистон аз фоида холи намебошад.

Инчунин, хулоса ва рӯйхати адабиётҳо дар мавзуи диссертатсия хеле пурраву касбӣ оварда шудааст, ки гувоҳи пурагии кори илмӣ мебошанд.

Хулоса аз мазмуну мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ки Абдулов Дилшод Назарович рисолаи номзадиро мустақилона иҷро намуда, хулоса ва пешниҳодҳои арзишманди илмӣ дорад. Рисолаи мазкур кори илмии пурра баанҷомрасида буда, ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва ба Шурои диссертатсионӣ 6D. КОА-004 ДМТ барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ
д.и.и., профессори
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаниев Т.Б.

Ғаниев Таваралӣ Бобоевич
Тел: (+992) 907-70-40-77
E-mail: Prof. Ganiev@mail.ru

**Имзои Ғаниев Т.Б.-ро тасдиқ мекунам.**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«10» «12» 2022 Тавқиев Э.Ш.